«Тасдиқ мекунам»,
Ректори МДТ Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо
Турсунзода, д.и.ф.
Низомӣ М.З. ____________
«_10_» _феврали_ соли 2020

Тақризи

муассисаи пешбари тақриздиҳанда- кафедраи бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ба диссертатсияи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи **«Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. 165 с.

Таҳқиқоти диссертатсионии Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи **«Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик»** бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи кафедраи бойгоншиносӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, пеш аз ҳама Р.Ҷобиров, мудири кафедраи бойгоншиносӣ, дотсенти кафедра, номзади илмҳои таърих, С.Муллоҷонов, профессори кафедра, доктори илмҳои таърих, С.Шарофуддинов, дотсенти кафедра, номзади илмҳои таърих қаблан бо матни диссертатсия шинос гардида, дар ҷаласа

иштирок ва баромад намуданд.

Тоҷикон аз зумраи мардумони бумии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, бо таърихи куҳан ва тамаддуни ғании худ дар рушди фарҳанги минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд. Ва ин боис гардидааст, ки муҳаққиқон ва мусташриқин кайҳост ба ин гавҳораи тамаддун диққат ҷалб карда, осори гаронмояи тамаддуни форс-тоҷикро беш аз мо ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳонишавӣ бо суръат ҷомеаҳоро фаро мегирад, рӯз аз рӯз таҳдидҳои наве чун ифротгароиву терроризм тамаддунҳои модернро таҳдид мекунад, ягона роҳи муқобала бо ин гуна таҳдидҳо тақвият бахшидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба таъриху фарҳанг ва аз тариқи он таваҷҷуҳи бештар додан ба баланд гардидани ҳисси ватанпарастӣ ва ҷаҳонбинии фарҳангии мардум маҳсуб меёбад. Танҳо бо такя ба мероси гаронбаҳое, ки аз ниёгон ба мо расидааст, метавон ҳаргуна кӯшиши ноором сохтани ҷомеа ва ба сӯйи ҷаҳолату томгароӣ ва таасубу рукуд кашонидани ҷомеаро бартараф кард.

Санъати мусиқӣ ва созтарошии устоҳои мардумӣ ҳанӯз аз аҳди бостон ҷузъи нодири фарҳанги аҷдодӣ ба ҳисоб меравад. Дар тӯли таърих сознавозону созтарошони ақвоми эронитабор дар рушди санъати мусиқии умумибашарӣ ва такмили созҳои мусиқӣ ҳиссаи басо бузург гузоштаанд. Созҳои мусиқӣ натиҷаи анъанаи таърихии сознавозии ҳунармандон ва созтарошии устоҳои мардуми тоҷикро ифода намуда, то имрӯз ин анъанаи бойи аҷдодӣ  аз ҷониби ҳунармандон рушд карда истодааст. Имрӯз қариб дар ҳама осорхонаҳои ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои гуногуни созҳои мусиқиро дидан мумкин аст, ки ҳамчун қисми таркибии фонди осорхонаҳо ба шумор мераванд.

Аҳамияти илмии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки ба омӯзиши созҳои нодири аҳамияти таърихидоштаи фонди осорхонаҳо бахшида шудааст.  Таъкид ба ёдоварист, ки бори нахуст коллексияҳои созҳои

мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи як рисолаи номзадӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Диссертатсияи Нурматзода Ҳасан аз муқаддима, ду боб, 4 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф аҳамияту ҷойгоҳи мавзӯи таҳқиқотии хешро баён намуда, қайд мекунад, ки таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳо ҳамчун сарчашмаи муҳим барои равшан сохтани санъати мусиқии халқи тоҷик аз давраҳои бостон ва қарнҳои миёна то рӯзҳои мо аҳамияти ниҳоят калонро молик ҳастанд. Сипас, дараҷаи омӯзиши мавзӯи хешро дунбол мекунад. Бояд гуфт, ки тақрибан тамоми осори ба мавзӯ дахлдошта ба нақду баррасӣ кашида шудаанд. Мақсаду ҳадафи муаллиф дар ин кори таҳқиқотӣ баён гардида, минбаъд сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, навгониҳои диссертатсия, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда ва аҳамияти назариявии таҳқиқ низ дар ин қисмат ироа шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик” ном гирифтааст. Ин боб аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали боби якум - “Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик” ном гирифта, муаллиф дар ин зербоб доир ба омӯзиши созҳои мусиқии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқони рус А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, И. И. Рачинский, А.Э. Регел, Э.Э. Ухтамский, С.М.Дудин, ва дигарон ҷамъоварӣ шуда, дар осорхонаҳои Федератсияи Россия ба монанди Осорхонаи ба номи Пётри Якуми (Кунсткамера) АИ Россия, Осорхонаи этнографии Россия дар ш. Санкт-Петербург ва Осорхонаи миллии мусиқии Россия дар ш. Москва нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва муаррифӣ карда мешванд, маълумоти ҷолиб додааст. Махсусан муаллиф дар радифи аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ки русҳо

буданд, яке аз гирдоварандагони маҳаллӣ Акрам-Полвон Аскаровро низ ёдовар шудааст, ки созҳои гирдоваринамудаи ӯ дар Эрмитажи шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз мебошанд, ёдовар шудааст.

Муаллиф дар зербоби мазкур асарҳои пажуҳишгарони хориҷӣ А.Ф. Эйхгорн, В.М. Беляев, Ф. Кароматов, Т.С. Визго. Т.М. Ҷонизода ва дигарон, ки ба омӯзиши созҳои мусиқии тоҷикии дар осорхонаҳои болозикри Федератсии Россия маҳфузбуда бахшида шудаанд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, якчанд камбудиву норасоии таълифоти олимони мазкурро ба мисли В.М. Беляев ва Ф. Кароматов дар ин самт ошкор намуда, бо онҳо баҳои илмӣ додааст.

Дар зербоби дуюм «Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвонҷӯ саҳми арзишманди пажуҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Н.Ҳ. Нурҷонов, Ф.М. Кароматов, А. Вертков, Н.Ғ. Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Х. Низомов, Таваккалов Ҳ., З.Г. Нуров, Ф. Шарифзода ва дигаронро доир ба омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои кишвар муфассал зикр намудааст. Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки то кунун ба истиснои чанд осорхона дигар аксарияти коллексияҳои осорхонаҳои кишвар мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Баъзе аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии анҷом шуда, дорои камбудиҳо ба монанди нодуруст навиштани номи созҳо, дар мавриди истифодаи созҳои мусиқӣ нишон надодани мансубияти онҳо ба осорхонаҳо ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Боби дуюми диссертатсия - “Аҳамияти сарчашмавии коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик” аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввал - “Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар каллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик” ном гирифта, муаллиф онро дар асоси омӯхтани созҳои мусиқӣ, мавод ва сарчашмаҳои бойгонии осорхонаҳо таълиф намудааст. Муаллиф дар ин зербоб кайд менамояд, ки қисми

зиёди маводи таҳқиқии диссертатсияро созҳои мусиқии осорхонаҳои шаҳри Душанбе ташкил намуда, шаклгирии аввалин коллексияҳои созҳои мусиқӣ шурӯъ аз соли 1934 маҳз ба таъсиси нахустин Осорхонаи таърихи-кишваршиносӣ (ҳоло Осорхонаи миллии Тоҷикистон) дар шаҳри Душанбе алоқаманд мебошад. Муаллиф зимни таҳқиқи ин зербоб ҳифзу муаррифии созҳои мусиқии устодони мусиқии касбии тоҷик аз ҷумла, танбӯрҳо аз Содирхон Ҳофиз, Қосимов Ҳошим, Боймуҳаммад Ниёзов, думбраи Ҳикмат Ризо, рубоби Ҷӯрабек Муродов дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, танбӯрҳо аз Шоҳназар Соҳибов, Акашариф Ҷӯраев, рубоб, найҳо, дутор аз Зиёдулло Шаҳидӣ, ғижжаки Фозил Солиев дар Осорхонаи Ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ ва ғайраро ҳамчун сарчашмаи нодир ва муҳим доир ба ба шинохти таърихи фарханги мусиқии тоҷик арзёбӣ намудааст. Илова бар ин дар мавриди зикри дастовардҳои осорхонаҳо дар самти ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ ҳамчунин якчанд камбудиву норасоиҳоро дар самти гирдоварӣ, хуҷҷатнигорӣ ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ баён намуда, ҳамчунин қайд намудааст, ки дуруст роҳандозӣ намудани ин ҷанбаъҳои кори осорхонавӣ барои омӯзиши минбаъдаи созҳои мусиқии осорхонаҳо муфид хоҳад буд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - “Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳоии Суғд ва Хатлон” – таърихи фаъолияти осорхонаҳои минтақаҳои мазкур дар кори гирдоварӣ, нигоҳдорӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқӣ, таснифи онҳо таҳлил гардидааст ва роҳҳою воситаҳои оммавигардонии онҳо баррасӣ шудааст, инчунин дар ин фасл масоиле, ки марбут ба фарҳанги мусиқӣ мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ барои навиштани ин зербоб кори бузургеро анҷом додааст. Ӯ бевосита ба ҳар як осорхонаи кишвар махсусан ба минтақаи дурдасти Бадахшон сафар намуда, аз наздик ба созҳои мусиқии осорхонаҳо шинос шуда, онҳоро аккосӣ ва андозагирӣ намудааст ва мансубияти замонию макони

созҳоро низ муайян кардааст. Дар ин зербоб низ дар қатори дастовардҳо инчунин камбудиҳои ҷойдоштаи осорхонаҳоро дар самти гирдоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифии созҳои мусиқӣ ошкор намуда, бахри дуруст роҳандозӣ намудани фаъолияти осорхонаҳо дар ин самт тавсияҳои касбӣ манзур намудааст.

Дар хулосаи рисола муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоташро возеҳ баён намуда, доир ба шароити нигоҳдорӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва роҳҳои омӯзиш, таблиғ ва оммавигардонии соҳаи мусиқии коллексияҳои фонди осорхонаҳо маълумоти дақиқ манзурдодааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Нурматзода Ҳасан як таҳқиқи муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ таҳия шудааст. Вобаста ба фаъолияти самаранокии осорхонаҳои Тоҷикистон муаллифи диссертатсия тавонистааст беш 735 адад сози мусиқии дар намоишгоҳҳо ва фондҳои осорхонаҳо мавҷудбудаи халқи тоҷикро таҳқиқ намуда, таърихи пайдоиш, мансубияти этно-ҳудудии онҳоро муайян намояд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои муаллифи диссертатсия тартиб додани феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон мебошад. Ин корест, ки то ҳол касе анҷом надода буд. Ин феҳрист, ки сурати созҳои мусиқиро низ дар бар мегирад, сарчашмаи муҳимме барои омӯзиши минбаъдаи таърихи пайдоиш ва инкишофи санъати мусиқии халқи тоҷик мебошад.

Аммо диссертатсияи мазкур низ аз камбудиву норасоиҳо орӣ набуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати диссертатсия ва дар оянда эътибор додан ба он пешниҳод мегардад:

1. Дар диссертатсия на ҳамаи номҳои созҳои мусиқӣ шарҳ дода шудаанд. Масалан, номҳои баъзе аз созҳои мусиқӣ, ки дар байни омма на онқадар маъмулу роиҷ ҳастанд, аз қабили “таблак-рубоб”,

“масруд”, “баландзиком”, “гултор”, “торруд” “симруд” “дилруд” ва амсоли он.

2. Дар замимаи якум- “Феҳристи созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” таърихи воридшавии қисме аз созҳои мусиқии баъзе осорхонаҳо, аз ҷумла Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков қайд нагардидааст.
3. Хуб мебуд агар колексияи созҳои мусиқии Осорхонаи Усто Ғуломи Қодир, ки дорои аҳамияти таърихӣ мебошад, дар диссертатсия ҷой дода мешуд.
4. Дар диссертатсия камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Аммо камбудиҳои зикргардида аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва он кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талабот, меъёрҳо ва муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 – и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида, диссертатсияи Нурматзода Ҳасан **«Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз руйи ихтисоси 07.00.09 - таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода санаи 7 феврали соли 2020 муҳокима шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 13 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 5 аз 7 феврали соли 2020.

Раискунанда, мудири кафедраи
бойгоншиносии факултети китобдорӣ
ва иттилоотшиносии МДТ ДДФСТ
ба номи Мирзо Турсунзода, н.и.т., дотсент Ҷобиров Р.Ф.

Ташхисгарон, д.и.т., профессор С.Муллоҷонов,
н.и.т., дотсент С.Шарофуддинов.

Котиби ҷаласа, ассистенти
кафедраи бойгоншиносӣ Холибоева Н.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ
ДДФСТ ба номи М.Турсунзода Ҳомидова З.

Маълумот барои тамос:
МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода
734025, шаҳри Душанбе,хиёбони Борбада 73а.,
Почтаи электронной: Email: tajartins@yandex,
www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45,